# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Масъалаи коммуникатсияи сиёсӣ ва нақши он дар низоми идоракунии сиёсӣ ба доираи проблемаҳои муҳимтарини инкишоф дохил мегардад. Зеро аз фаҳми амиқ ва дарки раванди мазкур танзими муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ вобастаанд. Рушди босуръати нақши иттилоот ва воситаҳои он дар ҷамъият ба он оварда расонид, ки коммуникатсия ҳамчун шакли муносибатҳои мутақобилаи байни одамон ва умумиятҳои иҷтимоӣ, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар худ фаро гирад.

Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа ва тадқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи он дар шароити ҳозира ба муҳимтарин мавзӯи пажӯҳиши илмию академӣ табдил ёфтааст. Дар омӯзиш ва таҳлили коммуникатсияи сиёсӣ муҳаққиқон чун Коттре, К.Сиуне, Л. Пай, Ж. Д'Арси. Г. Алмонд, Ҷ. Коулман М.С. Вершинин, М.Н. Грачев, И.М. Дзялошинский, О.Ю. Малинова, М.М. Назаров, Ю.А. Нисневич, А.И. Соловьев, П.А.Цыганков равишҳои хоси илмиро мавриди истифода қарор додаанд.

Дар самти омӯзиш ва таҳлили нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии ҷомеа ва равандҳои сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол олимони ватанӣ низ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар баробари ин, зимни омӯзиши маводҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун бахши муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ баррасии васеи илмию назариявиро пайдо накардааст. Аз ин рӯ, рисолаи илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда тадқиқоти нав ва муҳим дар илмҳои сиёсатшиносии ватанӣ мебошад.

Умуман, масъалаи коммуникатсияи сиёсӣ ва нақши он дар низоми идоракунии сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дисертант заҳмати зиёди таҳлилию таҳқиқотиро талаб дорад. Аз ин хотир рисолаи илмии И. Ҷобиров ҳамчун кори таҳқикотии хоса дар дарки масъалаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, инкишофи системаи сиёсии Тоҷикистон, пайдо намудан ва таквият додани рӯовариҳои арзишию ғоявӣ ва мадании онҳо мақоми назаррас пайдо менамояд.

Ба сифати муносибати меъёрӣ муаллифи рисола дар сарсусан тавонистааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқот, пеш аз ҳама, ҳолати рӯзмаррагии мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навовариҳои илмии таҳқиқот, ҳолатҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, фарзияи пажӯҳиш, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро ба таври барҷаста нишон диҳад.

Рисолаи номзадӣ аз се боб таркиб ёфтааст. Боби аввали рисола – “Асосҳои назариявӣ ва методологии алоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ” аз ду қисмат иборат буда, бештар масъалаҳои назариявию методологиро фаро ғирифтааст. Диққати асосӣ ба равишҳои назариявӣ ва методологии таҳлили баҳамалоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсии ҷомеа дода мешавад. Тамоюли тағйирёбӣ ва нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир низ дар боби мазкур илман шарҳ дода шудааст. Масъалаҳои тавсифии мафҳум ва моҳияти коммуникатсияи сиёсиро низ дар боби мазкур ба таври возеҳу равшан нишон додааст.

Боби дуюм – “Шакл ва усулҳои амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ дар шароити муосири идоракунии сиёсӣ” ном гирифта, аз ду зербоб иборат аст. Муаллиф кӯшидааст, ки таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаҳои технологияҳои муосири монипулятсия дар раванди коммуникатсияи сиёсӣ ва хусусияти таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ бахшад.

Боби сеюм - “Вазъ ва дурнамои таъсири коммуникатсияи сиёсӣ дар раванди идоракунии сиёсии Тоҷикистон” номгузорӣ гардида аз ду зербоб иборат аст. Дар ин қисмат муаллиф муваффақ гардидааст, ки ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ва таъсири он ба раванди сиёсӣ дар Тоҷикистонро ошкор созад. Ҳамчунин вазъият ва неруи таъсири Интернет - ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ба идоракунии сиёсии Тоҷикистонро дар рисолаи мазкур дарҷ намудааст.

Дар қисмати охирини рисола муаллиф низоми коммуникатсияи сиёсӣ дар ҷомеаи муосир, ки яке аз омилҳои асосии ба даст овардан, ҷонибдории ҳокимият, таъмини легитимияти он ва суботи ҷамъиятӣ мебошад нишон додаст. Бо дарназардошти ин, зимни хулосабарории рисолаи мазкур якчанд ҷанбаи муҳимро оид ба нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа пешниҳод намудааст.

Дар рисолаи илмӣ масъалаҳо ва пешомади инкишофи коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ дар шароити инкишофи Тоҷикистон махсусан зикр ёфтааст. Дар хулосаи рисола масъалаҳои матраҳшуда натиҷагирӣ ёфтаанд, ки аҳамияти муҳими назариявию методологӣ ва амалиро касб менамоянд.

Корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқот чоп гардидаанд (9 адад мақола дар маҷаллаҳо ва интишороти пешбари тақризшаванда), ки бевосита дар бораи масъалаҳои коммуникатсияи сиёсӣ ва нақши он дар идоракунии сиёсианд мазмуни рисолаи номзадиро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо ва амалҳои мусбати назаррас дар рисола муаллиф ба як қатор хатою иштибоҳҳо роҳ додааст. Аз ҷумла:

-дар рисола баъзан андешаҳои таҳрирталаб ба чашм мерасад.

-муаллифро зарӯр аст, ки дар бобби дуюми рисола низ ба масъалаҳои назариявӣ диққати зиёдтар диҳад

- қоидаҳо ва меъёрҳои дастгоҳи техникӣ пурра риоя нагардидаанд ва инчунин рисола аз хатогиҳои имлоӣ орӣ нест.

Аммо чунин хатою иштибоҳҳо наметавонанд арзиши баланди илмии рисолаи номзадироро паст гардонанд. Муаллиф рисолаи арзишмандеро барои дифоъ пешниҳод намудааст.

И. Ҷобиров дониши амиқ ва маҳорати баланди истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон додаст. Мӯҳтаво ва хулосаҳои тадқиқот метавонанд дар фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва илмию педагогӣ, таълими хизматчиёни давлатӣ истифода шаванд. Инчунин натиҷаҳои илмии рисола метавонанд барои таҳияи курси «Коммуникативистикаи сиёсӣ» дар мактабҳои олӣ ба таври васеъ истифода шаванд. Истифодаи маводи таҳқиқотӣ дар фаъолияти амалии мутахассисони васоити ахбори омма, ва барои татбиқи стратегияҳои рушд оид ба иттилоотикунонии кишвар муфид хоҳад буд.

Рисолаи номзадӣ сатҳи баланди навгониҳоро дошта, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори шарафёр гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Директори Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти ҶТ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессор, узви вобастаи АМИТ ______________ Усмонзода Х. У.

Сурогаи мушовири илмӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 89.
Телефон (моб.): (+992) 93 453 10 08

Имзои Х. У. Усмонзодаро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти ҶТ ____________ Шодиева З. Д.

(Мӯҳр: МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. ШУЪБАИ КАДРҲО)

22.01.2025